АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014

---

**УДК: 8 тадж +8тадж. + 4** **ИКРОМОВ И[1].**

# АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА АНВАРӢ

Дар мақола роҷеъ ба таъсири эҷодиёти Анварӣ ба Ҷомӣ, андешаҳои Ҷомӣ роҷеъ ба эҷодиёти Анварӣ ва таъсири он ба суханварони баъдинаи адабиёти форс-тоҷик сухан меравад. Муаллиф хулоса менамояд, ки таъсирпазирии Ҷомӣ аз Анварӣ бештар дар эҷоди қасида мушоҳида мешавад. Таъсири ғазалҳои Анварӣ ба ғазалҳои Мавлоно Ҷомӣ низ истисно нест.

**Калидвожа:** Анварӣ, ғазал, қасида, Ҷомӣ, «Баҳористон», маснавӣ, пайравӣ, мавзӯъ, услуб.

Дар бораи шоир, нависанда, адабиётшинос, файласуф ва мутафаккири бузурги асри XV форс-тоҷик Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ асару мақолаҳои зиёде навишта шудаанд. Бо вуҷуди ин масъалаҳои баҳснок ва ҳалнашудаи эҷодиёти вай бисёранд. Яке аз чунин масъалаҳо робитаи адабӣ-эҷодии Мавлоно Ҷомӣ ва пешгузаштагон, аз ҷумла Анварӣ ба шумор меравад.

Дар ин бобат агар мо ишораҳо ва қайдҳои ҷудогонаи Е. Э. Бертелс [1, 21-24, 23], Н. Сайфиев [150-153], А. Абдуллоев [166, 170-176], Воҳидов [4, 92-93] ва А. Афсаҳзод [5, 114]-ро, ки сарфи назар кунем, ин масъала дар адабиётшиносии тоҷик то имрӯз мавриди таткиқоти махсус қарор нагирифтааст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар як силсила асарҳои худ аз Анварӣ сухан ронда, ӯро бо этиром ёдоварӣ менамояд. Аз ҷумла, ӯ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» дар баробари дигар симоҳои машҳури адабиёти асрҳои X-XI форс-тоҷик оид ба Анварӣ фасли алоҳидае бахшида, шахсият салосат ва нафосати назми ӯро ҳамчун адабиётшиноси нуктасанҷ ба таври зайл ба қалам медиҳад; «Анварӣ ҳакиме комил ва фасеҳе фозил буд ва ҳусни шеъру лутфи назм шаммаест аз улувви ҳол ва ҳолест аз ҷамоли камоли ӯ. Суханони ӯ машҳур аст ва девони ӯ мастур». . . [6, 112].

Сипае, Ҷомӣ аз «латофати ашъор»-и Анварӣ як қитъа меоварад, ки он ба насиҳати шуаро бахшида шудааст. Ӯ дар ин қитъа қабоҳати назми мадеҳавиро маҳкум намуда, аз беҳуда гузаронидани умр ва фоҷиаи ҳаёти дарбории худ нақл мекунад.

Қитъаи мазкур бо чунин мисраъҳо оғоз ёфтааст:

Дӣ маро шоираке гуфт: – «Ғазал мегӯӣ?»,
Гуфтам: – «Аз мадҳу ҳиҷо даст бияфшондам ҳам».
Гуфт; «Чун?» Гуфтамаш: – «Он ҳолати гумроҳӣ буд,
Ҳолати рафта дигар боз наёяд зи адам…[6, 112].

---

[1] **Адрес для корреспондеции**: Икромов Искандар - доктор филологических наук, профессор КГУ им. Носири Хусрава.

Инчунин дар охири ин маълумот вобаста ба ҳаёти шоир ривояте низ оварда мешавад, ки дар он аз хусуси подшоҳи Ғуриёнро ҳаҷв кардани Анварӣ, ба таъқибҳои вай дучор шудани шоир, аз Анварӣ интиқом гирифтан, ду маротиба ба малики Ҳирот нома фиристодану талаби Анвариро кардан ва ҳатто бар ивази вай маротибаи дуюм ҳазор гӯсфанд ваъда намудани ин подшоҳ баҳсу мунозираҳои Анварӣ бо малики Ҳирот дар ин бора, ҳозирҷавобӣ ва сабабҳои аз марг раҳо ёфтани шоир сухан меравад [6, 112-113].

Адабиётшинос Н. Сайфиев ахбороти доир ба Анварӣ додаи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомиро, ки ҳар ду сарчашма дар як вақт (соли 1487) таълиф гардидаанд, бо ҳам муқоиса карда, дар байни онҳо тафовутҳои ҷиддиеро ошкор месозад.

...«Маълумоти Ҷомӣ,- менависад ӯ,- бо вуҷуди он ки нисбатан мухтасар аст, дар сарчашмаи номбурда дида намешавад» [2, 111].

Дар ҳақиқат маълумотҳои дар ин боб овардаи Ҷомӣ назар ба Давлатшоҳ илмӣ ва боварибахшанд. Ӯ мисли Давлатшоҳ «на ба шари ҳол», балки ба лаҳзаҳои ибратомӯзи зиндагии Анварӣ бештар эътибор дода, хусусиятҳои хоси эҷодиёти вайро ниҳоят муъҷаз ва амиқ равшан менамояд.

Дуруст аст, ки маълумоти муаллифи «Баҳористон» дар бораи Анварӣ бо ин маҳдуд намешавад. Ӯ дар зимни шарҳи ҳол ва мероси адабии Адиб Собири Тирмизӣ, Заҳири Форёбӣ ва Саъдии Шерозӣ низ паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти Анвариро таҳлил ва таҳқиқ намудааст. Чунончи, Ҷомӣ дар фасли Адиб Собири Тирмизӣ дар бораи Анварӣ маълумоти зайл медиҳад:

«Вай (Адиб Собири Тирмизӣ- И. И.) шоири фасеҳ ва фозиле лабиб буд ва ашъори вайро латофате комил ва малоҳате тамом ҳосил аст. Ва афозил ба тааддуми вай муътарифанд, чунонки Анварӣ вайро бар худ тарҷеҳ ниҳода он ҷо, ки дар қитъае теъдоди камолоти худ мекунад ва дар охири он мегӯяд;

Ин ҳама бигзор, бо шеъри муҷаррад омадам,
Чун Саноӣ ҳастам, охир, гарна ҳамчун Собирам» [6, 111].

Махсусан, мулоҳизаҳои дар фасли Заҳири Форёбӣ бахшидаи соҳиби ин сарчашма оид ба Анварӣ боз ҳам ҷолиби диққатанд:

«Вай (Заҳири Форёбӣ- И. И.) аз машоҳири ҷаҳон асту афозили даврон. Тамоми девони ӯ матбӯ мақбул аст. Ба латофату салосати сухани ӯ ҳеҷ кас нест, девони вай машҳур аст ва ашъори вай бар забонҳо мазкур...».

«Ва камоли вай дар шеър ба масобаест, ки шуарои мутақаддам ба миёни вай ва Анварӣ ва тарҷеҳи яке бар дигаре ихтилоф доштаанд» [6, 117-118].

Ҷомӣ пас аз зикри баҳсҳои дар атрофии Анварию Заҳир намудаи кошониён ва ҷавоби ба онҳо фиристодаи Имомии Ҳиравӣ қитъаи зеринро меорад, ки дар он муқаддамии Анварӣ нисбат ба Заҳири Форёбӣ нишон дода мешавад;

Ҳар мубтадӣ, ки беҳуда тарҷеҳ мениҳад,
Шеъри Заҳир бар сухани поки Анварӣ.
Монад бад он гурӯҳ, ки нашнохтанд боз,
Эъҷози Мӯсавиро аз сеҳри Сомирӣ [6, 118]

Ғайр аз ин соҳиби «Баҳористон» ҳангоми тавсифи эҷодиёти Саъдии Шерозӣ пайғамбари қасидасароён будани Анвариро эътироф мекунад ва қитъаи машҳури шоири номаълумро нахустин бор дар таърихи адабиётамон пешкаш менамояд:

Дар шеър се кас паямбаронанд,
Ҳарчанд, ки «ло Набия баъдӣ».

Авсофу қасидаю ғазалро,
Фирдавсию Анварию Саъдӣ [6, 121].

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар қисмати охири дафтари дуюми маснавии «Силсилат-уз-заҳаб», ки ҳанӯз дар асри XV «бештар мавриди истиқбол ва тақлид будан» [5, 114]-и ашъори Рудакӣ, Унсурӣ, Муиззӣ, Саъдӣ, Низомӣ, Заҳири Форёбӣ ва дигар шоирони машҳури пешгузаштаро хотирасон менамояд, дар баробари онҳо аз Анварӣ низ ном мебарад илова бар ин барои пурқувват ва образноку барҷаста баромадани каломаш матлаи қасидаи дар мадҳу ситоиши султон Санҷари Салҷуқӣ (1118-1157) сурудаи ӯро бо баъзе тағйиротҳои ҷузъӣ тазмин мекунад;

. . . Анварӣ ҳам чу мадҳи Санҷар гуфт,
В-ин гаронмоя дурр ба васфаш суфт,
Ки «Дил ар баҳру даст кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад» . . . [7, 144-145]

Ҷомӣ на танҳо муҳаққиқ ва мухлиси назми Анварӣ буд, балки дар эҷоди жанрҳои хурди лирикӣ, алалхусус қасида ва ғазал низ аз ҷумлаи пайравони ӯ ба шумор мерафт.

Дар ин бора нақли зерини Алишер Навоиро овардан хеле ба маврид аст:

«Рӯзе фақир,- менависад Навоӣ,- дар хизмати он кас будам ва дигар касе набуд. Дар боби қасоиди Анварӣ: сухан мерафт. Он кас чунин таъриф мекарданд, ки «Мо ашъор ва хусусан қасоиди ӯро кам дида будем. Дар ҳамин наздикӣ як девони кухна ба дасти мо афтод, гоҳе бо он машғул мешавем, дар баъзе ҷойҳо, мумкин аст гуфт, ки аз маротиби каломи башар гузашта, ба ҳадди эъҷоз расидааст. Таркибҳои ғароиб ва адоҳои адоиб ба назар мерасад» [8, 31].

Чун ман ҳам аз муътакидони Анварӣ буда, шеърҳои ӯро бисёр мутолиа мекардам... бағоят хушвақт шуда гуфтам, «Илтимос дорам, ки он қасидаашро:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

даме хонда, мулоҳиза намоянд» [8, 31-31].

Он кас мутабассим шуда, гуфтанд, ки «Аҷаб сухане гуфтӣ, ки мо дар ин се- чор рӯз ин қасидаи ӯро хонда, хушҳол шуда, аз ғояти ба шавқ омадан ҷавоб ҳам гуфтаем» (8, 313). Мусаввадаро дар як варақи худранг бароварда ба дасти фақир додаанд, ки «Хонда бин». Матлааш ин аст:

Ҳар киро дар даҳон забон бошад,
Дар санои шаҳи ҷаҳон бошад [8, 31].

Муқоиса нишон медиҳад, ки чи қасидаи Анварӣ (3, 133-138) чи аз Ҷомӣ (931-33) бетағаззул буда, бевосита аз мадҳи подшоҳони бузурги давр оғоз ёфтаанд. Ҳар ду қасида низ дар як вазн- баҳри хафифи аслам (тақтеашон фоилотун, мафоилун, фаъулун) иншо шудаанд. Қофия ва радифи қасидаҳои мазкур ҳамранганд. Қасидаи Анварӣ 50 байт, аз Ҷомӣ бошад, 57 байтро дар бар гирифтаанд.

А. Абдуллоев дар атрофи қасидаҳои Анварӣ ва Ҷомӣ баҳс карда, ниҳоят «ғарро ва олӣ» будани қасидаи аввалро таъқид нумудааст.

«Қасидаи Анварӣ,- навиштааст ӯ,- бо фасоҳату балоғати худ ғарро ва олист ва он шукуҳе, ки вай дорад, дар қасидаи ҷавобии Ҷомӣ дида намешавад» [3, 103].

Вале дар асл Ҷомӣ ҳам дар мавзӯъ, сабку услуб ва ҳам дар тарзи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ба қасидаи Анварӣ пайравӣ карда, аз уҳдаи талаботҳои назаранаависӣ ба хубӣ баромада тавонистааст. Ӯ аз қасидаи

Анварӣ таъсир ва илҳом гирифта, маҳорати баланди шоирии худро ҳамчун қасидасарои забардасти адабиёти форс-тоҷик нишон додаст.

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки Ҷомӣ яке аз дӯстдорон ва аввалин муҳаққиқони асосии эҷодиёти Анварӣ будааст. Аз ин ҷиҳат ҳаматарафа таҳлил ва таҳқиқ намудани ин масъала яке аз вазифаҳои муҳимми адабиётшиносии имрӯза ба шумор меравад. Ногуфта намонад, ки ба таври муқоиса омӯхтани робитаҳои эҷодии чунин бузургони адабиёти форс-тоҷик дар кушоиши бисёр масъалаҳои то ҳол номаълуми таърихи адабиётамон аҳаммияти махсус дорад.

**Адабиёт**


1. Бертельс Е. Э. Джами, Эпоха, жизнь, творчество.-Сталинабад: Таджикиздат, 1949.
2. Сайфиев Н. «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва аҳамияти адабии он. Дар китоби Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо, Замони зиндагӣ, ҳаёт ва эҷодиёт.-Душанбе: Ирфон, 1965
3. Абдуллоев А. Қасидаҳои Ҷомӣ ва баъзе хусусиятҳои онҳо. Дар китоби Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи материалҳои ҷашни 550-солагӣ, қисми 2-Душанбе: Дониш, 1974
4. Воҳидов С. Равобити адабии халақҳои тоҷик ва узбек дар асри XV (дар асоси «Хамсат-ул-мутаҳайирин»-и Навоӣ)-Душанбе: Ирфон, 1974
5. Афсаҳзод А. Адабиёти форсу-тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV, китоби аввал-Душанбе: Дониш, 1977.
6. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон, таҳиягари чоп, муаллифи сарсухан ва шореҳи тавзеҳоту луғат А. Афсахзод.-Душанбе: Адиб, 1997.
7. Ҷомӣ. Ҳафтавранг.-Тошканд, 1915.
8. Навоӣ. Хамсат-ул-мутаҳайирин, интихоб ва тарҷумаи А. Маниёзов. Сталинобод: Нашрдавтоҷик 1961.
9. Девони комили Ҷомӣ, бо муқаддимаи васеъ дар таърихи адабӣ, фалсафӣ ва сиёсии қарни нуҳум ва баҳси интиқодӣ дар аҳвол ва осор ва накди сурудаҳои Ҷомӣ, виростаи Ҳошим Разӣ. –Теҳрон, 134



**ИКРОМОВ И.**


## АБДУРРАХМАН ДЖАМИ И АНВАРИ


В статье рассматриваются проблемы влияния творчества Анвари на творчество Мавлави Джами и рассуждения Джами о творчестве Анвари и дальнейшее его влияния на творчество последующих поэтов. Автор в результате поисков и новых материалов приходит к выводу, что влияние Анвари на творчество Джамы больше всего наблюдается в касыдах. Наблюдается также влияние Анвари на газели Джами.



**Ключевые слова:** Анвари, персидско-таджикская литература, касыда, газель, Джами, «Бахаристан», месневи, подражание, тема, стиль.



**IKROMOV I.**


## ABDURRAKHMAN JAMI AND ANVARI


The article deals with the problem of the influcnce of Anvari to A. Jami’s works and his influence on the other wors of next coming poets. The author of the article based jn his researeh sfate that. Most of all the influcnce is felt in qasidas.Also Anvari’s influence is felt on Jami’s gazels.



**Key words:** Anvari, Persian – tajik literature, gasida poet, poetry, masnavi, theme, style.